ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ

Парвандаи аттестатсионии № _____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29 декабри соли 2025, № 7

Барои сазовор донистани Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ.

Диссертатсия бо мавзуи «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқавии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» аз рӯйи ихтисоси **06.02.02** - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ ба ҳимоя 15 сентябри соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №17 шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ). Суроға: 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Қаҳҳоров, 43; тел. (992) 37-2275192 //E-mail:iveterinari@mail.ru, ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№135/шд аз 29 майи соли 2023) тасдиқ шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич 13 феврали соли 1990 дар ноҳияи Фархор таваллуд шудааст. Соли 2012 факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемурро бо ихтисоси «духтури ветеринарӣ» хатм кардааст.

Рабиев Ҳ.М. ба ҳайси омӯзгори кафедраи микробиология ва эпизоотологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи микробиология ва эпизоотологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро шудаасат.

Роҳбари илмӣ – Раҳматзода Наҳтулло Раҳмат, доктори илмҳои биологӣ, мудири кафедраи микробиология ва эпизоотологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

Муқарризони расмӣ:

Ҳабибов Абдуҷалил Халилович- доктори илмҳои ветеринарӣ, ходими пешбари илмии озмоишгоҳи бемориҳои бактериявӣ ва зоонозҳои Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

Шарипов Маҳмадулло Азизович- номзади илмҳои ветеринарӣ, мудири кафедраи байтории Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар: Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар хулосаи мусбати худ, ки аз тарафи муовини директор оид ба амнияти биологӣ ва инноватсияи Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи АИКТ, н.и.в. Маҳмудов К.Б. имзо ва аз ҷониби директори муассиса, д.и.в. Абдуллоев А.О. тасдиқ шудааст, қайд шуд, ки кори диссертатсионии Рабиев Ҳ.М. аз рӯйи муҳтавою навоварии илмӣ, сатҳи методологӣ ва аҳаммияти амалӣ ба талаботе, ки ба рисолаҳои номзадӣ дар ихтисоси зикршуда муроҷиат мешавад, пурра мувофиқ аст.

Номзад **15 корҳои илмии чопшуда** дорад, ки дар онҳо мавқеъҳои асосии диссертатсия баён шудаанд, аз ҷумла **5 мақола** дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудаанд, нашр гардидаанд. Ҳиссаи муаллиф зиёда аз 80%-ро ташкил медиҳад. Мақолаҳо муҳимтарин натиҷаҳои асосии тадқиқотро дар мавриди омӯзиши эпизоотоология, ташхис ва ташхиси тафриқавии бемории сили чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он, инъикос мекунанд. Ба ғай аз ин ӯ ҳаммуаллифи 2 китоби дарсӣ ба забони тоҷикӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои факултетҳои тибби ветеринарӣ ва зооинжинерӣ тавсия шудааст.

Номгӯйи мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд:

1. Рабиев Ҳ.М. Асосҳои технологии истеҳсоли маводи пробиотикӣ ва истифодаи онҳо барои ислоҳсозии дисбактериози ҳайвонот ва парандагон / Н.Р. Рахматзода, Ҳ.М. Рабиев, А.Ҳ.Бобоев, М.Т. Ҷумаева // Кишоварз. - 2021. - №1 (90). - С. 78-81.
2. Рабиев Ҳ.М. Услуби баҳисобгирии фардии санҷиши симултании туберкулинӣ бо истифодаи ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ (КАМ) / Н.Р. Раҳматзода, А.П. Саломов, Ҳ.М. Рабиев, М.С. Зоиров, С. Исвалиев // Кишоварз. - 2019.- №2 (82).- С. 94-95.
3. Рабиев Ҳ.М. Изучение эффективности ускоренной симультанной туберкулиновой пробы при диагностике туберкулёза крупного рогатого скота / Н.Р. Хасанов, А.Х. Найманов, И.А.Махмадалиев, Ҳ.М. Рабиев // Кишоварз. - 2014. - С.25-28.
4. Рабиев Х.М. Способ диагностики туберкулеза крупного рогатого скота / Н.Р. Хасанов, И.А. Махмадалиев, Х.М. Рабиев // Кишоварз. - 2014. - №3/1. - С. 28-30.
5. Рабиев Ҳ.М. Санҷиши фаврии симултании туберкулинӣ ҳангоми ташхиси бемории сили чорвои калони шохдор / Н.Р. Хасанов, И.А. Махмадалиев, Ҳ.М. Рабиев // Таджикский аграрный университет. Кишоварз. 2014. - №3. - С. 25-27.

Мақолаҳои дар дигар нашрияҳои даврӣ нашргардида:

6. Рабиев Ҳ.М. Бемории сил, масоили халталаб ва роҳҳои бартараф намудани он / Н.Р. Хасанов, И.А. Махмадалиев, Ҳ.М. Рабиев //

Материалы научных трудов ТАУ, посв.70-летию зооинжинерного факультета. Душанбе, 2014. С.186-196.

7. Рабиев Ҳ.М. Современные проблемы диагностики туберкулёза крупного рогатого скота / Н.Р. Хасанов, Р.Х. Шадыбаева, Ҳ.М. Рабиев // Международная научная конференция г. Самарканд, 2016, стр. 72-74.

8. Рабиев Ҳ.М. Методика индивидуального учёта симультанной туберклиновой пробы с применением ППД – туберкулина для млекопитающих и КАМ / Н.Р. Раҳматзода, А.П. Саломов, Ҳ.М. Рабиев // Материалы II международной научно-практической конфекренции Института живодноводство ТАСХН совместно с ФГБОУ ВО Башкирским государственным аграрным университетом. Душанбе, 18-19 октября 2018. С. 28-32.

9. Рабиев Ҳ.М. Аҳамияти ташхиси аксуламали занҷираи полимеразӣ (ПЦР) ҳангоми бемории сили чорвои калони шохдор / Н.Р. Раҳматзода, А.П. Саломов, Ҳ.М. Рабиев, Ф.С. Зулмуродов // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ "Чорводорӣ". – 2019. - №1 (01). С. 13- 14.

10. Рабиев Ҳ.М. Таҳқиқи морфологии узвҳои дарунӣ ҳангоми амрозӣ гуногуни сироятии ҷавонаҳо / Н.Р. Раҳматзода, Ҳ.М. Рабиев, М.Т. Ҷумаева // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Ташхис, пешгирӣ ва табобати бемориҳои бактериявӣ ва зоонозҳо». Душанбе, 2022. - С. 77-87.

11. Рабиев Ҳ.М. Бемории сил - масоили умумимиллӣ / Раҳматзода Н.Р., Саломов А.П., Иматшоев И.Х., Рабиев Ҳ.М.//. Рӯзномаи "Дониш". 2019. - №9-10 (238).- С. 10-11.

12 Рабиев Ҳ.М. Диагностические исследования при туберкулезной инфекции крупного рогатого скота / Н.Р. Рахматзода, Х.И. Раджабов, Х.М. Рабиев, М.С. Зоиров // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ: «Самаранокии парвариши чорвою паранда ва нақши тибби ветеринарӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 2023. - С. 53-57.

13 Рабиев Ҳ.М. Омӯзиши таъсири фаъолнокии бактериостатӣ ва бактерисидии маводи пробиотикии лаксубтил нисбат ба барангезандагони микобактериозҳо / Н.Р. Раҳматзода, С.М. Исвалиев, Рабиев Ҳ.М. Шоимардонов Ё.Б. // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ: «Самаранокии парвариши чорвою паранда ва нақши тибби ветеринарӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 2023. - С.115-117.

14. Рабиев Ҳ.М. Сироятҳои микобактериявии инсон ва усулҳои муолиҷаи онҳо / Н.Р. Раҳматзода, А. Ҳабибов, С.М. Исвалиев, Ҳ.М. Рабиев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ: «Усулҳои самараноки ташхис ва мубориза бар зидди бемориҳои сироятию инвазионии ҳайвонот». Душанбе, 2024. - С.119-122.

15. Рабиев Ҳ.М. Навъҳои сариран муҳими микобактерияҳои ғайрисилӣ ва хусусиятҳои иллатзойии онҳо / Н.Р. Раҳматзода, Ҳ.И. Раҷабов, Ҳ.М. Рабиев, С.М. Исвалиев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ: «Усулҳои самараноки ташхис ва мубориза

бар зидди бемориҳои сироятию инвазионии ҳайвонот». Душанбе, 2024. С. 201-208.

Ба автореферати диссертация 8 адад тақризҳои мусбат аз ҷониби олимону мутахассисони зерини соҳа ворид шудаанд:

1. Доктори илмҳои биологӣ, узви вобаста АИКТ, муовини президенти АИКТ **Амиршозода Ф.С.** дар тақриз (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст) автореферати диссертатсияро мусбат арзёби намудааст.

2. Номзади илмҳои ветеринарӣ, директори Институти тибби ветеринарии АИКТ **Атовуллозода Р.А.** (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), доир ба дастоварду комёбиҳои муаллифи рисола андешаҳояшро иброз намуда, онро мусбат арзёби намудааст.

3. Номзади илмҳои ветеринарӣ, муовини сардори Маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ **Андамов И.Ш.** ба автореферати диссертатсия тақризи (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст) мусбат додааст ва қайд намудааст, ки муаллифи рисола сазоворӣ гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ мебошад.

4. Номзади илмҳои ветеринарӣ, сардори шуъбаи бемориҳои хроникии ҳайвонот, паранда, занбури асал ва моҳии Маркази Ҷумҳуриявии зиддиэпизоотии КБО ҲҶТ **Шукурзода Ш.Р.** ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), тақриз мусбат арзёби гардидааст.

5. Номзади илмҳои биологӣ, ходими калони илмии Шуъбаи паразитологияи Институти зоология ва паразитологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Қадамзода Д.С.** ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), доир ба дастоварду комёбиҳои муаллифи рисола андешаҳояшро иброз намуда, онро мусбат арзёби намудаанд.

6. Номзади илмҳои ветеринарӣ, дотсент, мудири кафедраи беҳдошти ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур **Иматшоев И.Х.** ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), тақриз мусбат арзёби гардидааст.

7. Номзади илмҳои тиб, дотсент, мудири кафедраи микробиология ва вирусологияи факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Сайфуддинзода Р.С.** (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), тақриз мусбат арзёби гардидааст.

8. Доктори имҳои ветеринарӣ, ходими калони илмии озмоишгоҳи сироятҳои музмини Муассисаи давлатии буҷавии илмии МФИ АУР **Искандаров М.И.** (тақриз бо забони рӯсӣ пешниҳод шудааст), доир ба дастоварду комёбиҳои муаллифи рисола андешаҳояшро иброз намуда, онро мусбат арзёби намудааст.

Тақризҳои пешниҳодшуда мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд. Муайян карда мешавад, ки рисолаи илмии Рабиев Ҳ.М., ки ба ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ мувофиқ аст ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи илми тибби ветеринарӣ буда, дар корҳои илмию тадқиқотӣ фаъолона иштирок карда, дар ин самт мақолаҳои зиёде таълиф намудаанд, ки мазмун ва мӯҳтавои онҳо ба диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад.

Муассисаи пешбар яке аз муассисаи бонуфуз дар назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили бемориҳои сироятии ҳайвонот маъруф мебошад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Рабиев Ҳ.М. дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» як қатор масъалаҳо пешкаш карда шуданаанд:

коркард карда шуд: барои ташхиси бемории сили чорвои калони шохдор воияҳои 10 000 ВБ ва 5 000 ВБ (монотест)-и ППД-туберкулин барои ширхӯрон истифода ва озмоиш карда шуданд. Санҷиши туберкулинӣ ба қисми миёнаи сеюми гардани ҳайвонот гузаронида шуд. Натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки ҳангоми истифодаи воияи 10 000 ВБ аз 1,1 то 1,3% чорво ҳамчун ба туберкулин мусбат муайян гардиданд, дар ҳоле ки ҳангоми истифодаи воияи 5 000 ВБ чунин ҳолатҳо ба қайд гирифта нашуданд. Аксуламали бодигармӣ дар ҷараёни таҷрибаҳо суст буда, ғафсшавии чини пӯст дар ҳудуди 3–5 мм мушоҳида гардид.

пешниҳод шудааст: барои хоҷагиҳои инфиродии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон усули такмилёфтаи гузаронидани санҷиши симултании туберкулинӣ бо истифода аз ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ, инчунин усули баҳисобгирии инфиродии натиҷаҳои аксуламалҳои бодигармии туберкулинӣ пешниҳод гардидаанд. Дар асоси натиҷаҳои тадқиқот тавсияҳои методӣ ҷиҳати баланд бардоштани дақиқии ташхиси тафриқавии бемории сил дар чорвои калони шохдор таҳия ва пешниҳод карда шуданд.

исбот карда шуд: вобастагии пайдоиши аксуламалҳои ғайрихос ба мавҷудияти микобактерияҳои ғайрисилӣ дар муҳити хоҷагидории инфиродӣ ва афзалияти ташхиси симултанӣ нисбат ба санҷиши анъанавии туберкулинӣ, инчунин баланд гардидани эътимоднокии натиҷаҳои ташхис ҳангоми истифодаи усулҳои муосири молекулавӣ (PCR) исбот гардид.

ҷорӣ намудани усули фаврии гузаронидани санҷиши симултании туберкулинӣ дар фаъолияти амалии мутахассисони соҳаи тибби ветеринарии ҷумҳурӣ татбиқ гардид. Натиҷаҳо нишон доданд, ки ҳангоми истифодаи усули муқаррарии санҷиши симултании туберкулинӣ бо ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ дар 4 хоҷагии оид ба бемории сил мусоид аксуламалҳои бодигармии саҳеҳ нисбат ба ММҒ (КАМ) танҳо дар як хоҷагӣ, яъне 25,0% ҳолатҳо ба қайд гирифта шуданд. Дар ҳоле ки ҳангоми истифодаи усули фаврии санҷиши симултанӣ дар ҳамин хоҷагиҳо ва дар ҳамон саршумори чорвои калони шохдор, аксуламалҳои бодигармии саҳеҳ нисбат ба ММҒ (КАМ) дар 3 хоҷагӣ ё 75,0% ҳолатҳо, муайян гардиданд.

Аҳаммияти назариявии тадқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки: ҳаҷми кофии маводи тадқиқотӣ, басомади таҷрибаҳои гузаронидашуда, таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаҳои бадастомада ва интишори онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда асоснок карда шудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ ба таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқот мутобиқ буда, пурра ба маълумоти таҷрибавии бадастомада такя мекунанд.

Маводи диссертатсионӣ метавонад дар такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи тибби ветеринарӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, ҷиҳати ташхиси дақиқ ва саривақтии бемории сил, инчунин дар раванди таълим ҳангоми гузаронидани дарсҳо аз фанҳои эпизоотология ва микробиология дар факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур мавриди истифода қарор дода шавад.

Дар маҷмӯъ, тадқиқоти анҷомдодашуда ба омӯзиши вазъи эпизоотии бемории сили чорвои калони шохдор, такмили усулҳои ташхис ва таҳияю пешниҳоди усули фаврии санҷиши симултанӣ бо баҳисобгирии инфиродии аксуламалҳои туберкулинӣ равона гардида, аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ имкон медиҳад, ки забҳи беасоси чорвои солим пешгирӣ карда шуда, зарари иқтисодӣ дар хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ коҳиш дода шавад.

баён шудани хусусиятҳои эпизоотологии паҳншавии микобактерияҳои ғайрисилӣ дар чорвои калони шохдор дар минтақаи таҳқиқшаванда ва мушкилоти амалии ташхиси беморӣ дар хоҷагиҳои хусусӣ, ки ба дарёфт ва татбиқи воситаҳои самараноки ташхиси микобактерияҳои ғайрисилӣ мусоидат намуданд.

ошкор гардид: дар натиҷаи тадқиқот сатҳи баланди аксуламалҳои парааллергӣ дар чорвои хоҷагиҳои мусоид ба бемории сил ва нокифоя будани самаранокии санҷиши яккаратаи туберкулинӣ дар шароити мавҷудияти микобактерияҳои атипӣ ошкор карда шуд. Ҳамзамон таҳлили муфассали вазъи эпизоотии бемории сили чорвои калони шохдор дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон гузаронида шуда, самаранокии усулҳои мавҷудаи ташхиси туберкулинӣ дар шароити хоҷагиҳои инфиродӣ арзёбӣ гардид. Дар ҷараёни тадқиқот омилҳои

таъсиррасон ба пайдоиши аксуламалҳои парааллергӣ ҳангоми санҷиши туберкулинӣ ва нақши микобактерияҳои атипӣ дар паст гардидани дақиқии ташхис муайян карда шуданд.

омӯхта шуд: таъсири омилҳои фаслӣ, синнусолӣ ва эпизоотологӣ ба натиҷаҳои санҷиши туберкулинӣ, инчунин робитаи эпизоотологию эпидемиологии байни сили ҳайвонот ва сили инсон дар минтақаи таҳқиқот. Дар натиҷаи тадқиқоти молекулавию генетикӣ муайян карда шуд, ки дар намунаҳои амрозии аз чорвои калони шохдор ҷамъоваришуда дар 25 намуна барангезандаи сили намуди *Mycobacterium bovis* ва дар 3 намуна барангезандаи сили намуди *Mycobacterium tuberculosis* ошкор гардид. Ҳамзамон, ҳангоми санҷиши 25 намунаи амрозии аз одамон гирифташуда, барангезандаи сили намуди *Mycobacterium bovis* дар 3 ҳолат ва намуди *Mycobacterium tuberculosis* дар 22 ҳолат муайян карда шуд.

аз нав такмил додани усулҳои ташхиси бодигармии бемории сил, ки дар асоси онҳо шакли мукаммалтари санҷиши симултании туберкулинӣ пешниҳод гардид. Моҳияти усули такмилдодашуда дар он ифода меёбад, ки дар марҳилаи аввал санҷиши ибтидоии туберкулинӣ гузаронида шуда, пас аз 72 соат ба ҳайвоноти дорои аксуламали мусбатдошта бо фосилаи 10–15 см ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ такроран ворид карда мешавад. Ҳамзамон, бо истифода аз усулҳои муосири ташхиси молекулавӣ, аз ҷумла аксуламали занҷираи полимеразӣ (PCR), намудҳои барангезандагони бемории сил муайян карда шуданд.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад:

1. **Патент оид ба ихтироъ** № TJ 635 таҳти унвони «Тарзи ташхиси бемории сили чорвои калони шохдор», ки дар фаъолияти амалии соҳаи тибби ветеринарӣ татбиқ гардидааст.
2. **Китоби дарсии** «Микробиология ва масуниятшиносии тибби ветеринарӣ», 200с., ки дар раванди таълимӣ барои тайёр намудани мутахассисони соҳаи тибби ветеринарӣ истифода мешавад.
3. **Китоби таълимии** «Бемориҳои сироятии парандагон», 180с., ки дар ҷараёни таълим ва омӯзиши бемориҳои сироятии парандагон мавриди истифода қарор дорад.

муайян карда шуд, ки истифодаи ҳамзамонаи ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ имкон медиҳад, ки ҳолатҳои бардурӯғи мусбат ҳангоми истифодаи танҳо ППД-туберкулин барои ширхӯрон ба таври назаррас коҳиш дода шаванд. Ҳамзамон муайян гардид, ки усули аксуламали занҷираи полимеразӣ (PCR) дар ташхиси ниҳоии бемории сил дорои аҳаммияти калидӣ мебошад. Аз натиҷаҳои тадқиқи 339 сар чорвои калони шохдор дар 4 ҷамоати ноҳияи Фархор бармеояд, ки аксуламали бодигармии саҳеҳ нисбат ба ММҒ дар 2 хоҷагӣ, яъне 33% ҳолатҳо ба қайд гирифта шудааст. Натиҷаҳои санҷиши симултанӣ бо

истифодаи ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ нисбат ба санҷиш бо ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ППД-туберкулин барои парандагон бо вояҳои гуногун боэътимодтар арзёбӣ гардиданд.

офарида шуд: заминаи илмӣ-амалӣ барои такмили минбаъдаи усулҳои ташхиси тафриқавии бемории сил дар чорвои калони шохдор, ки ба он натиҷаҳои таҳлили вазъи эпизоотӣ, арзёбии самаранокии усулҳои мавҷудаи ташхиси туберкулинӣ, истифодаи санҷиши симултании такмилёфта ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири ташхиси молекулавӣ, аз ҷумла аксуламали занҷираи полимеразӣ (PCR) асос ёфтаанд. Заминаи офаридашуда имконият медиҳад, ки дақиқӣ ва эътимоднокии ташхис баланд бардошта шуда, ҳолатҳои бардурӯғи мусбат коҳиш дода шаванд ва чорабиниҳои зиддисилӣ дар хоҷагиҳои чорводорӣ самаранок ба роҳ монда шаванд.

муаррифӣ карда шуд: барои мутахассисони соҳаи тибби ветеринарии ҷумҳурӣ тавсияҳои методӣ оид ба ошкор ва фарқгузории ҳолатҳои бардурӯғи аксуламалҳои бодигармӣ ҳангоми ташхиси бемории сили чорво бо истифода аз ППД-туберкулин барои ширхӯрон, ки ба баланд бардоштани дақиқӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои ташхис мусоидат менамоянд, муаррифӣ карда шуд

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот:

Кори диссертатсионии Рабиев Ҳ. М. дар сатҳи баланди илмӣ ва методологӣ иҷро гардидааст. Хулосаҳои асосии диссертатсия дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи маълумоти эпизоотологӣ, микробиологӣ ва молекулавӣ таҳия шуда, дорои асоснокии илмӣ ва аҳаммияти амалӣ мебошанд.

Саҳеҳият ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада бо гузаронидани санҷишҳои бисёркаратаи бодигармӣ, истифодаи усулҳои муътамад ва стандартии тадқиқотӣ, инчунин татбиқи усулҳои муосири ташхиси молекулавӣ, аз ҷумла аксуламали занҷираи полимеразӣ (PCR) тасдиқ мегарданд. Истифодаи ин усулҳо имконият дод, ки сатҳи баланди дақиқӣ ва такроршавандагии натиҷаҳои тадқиқот таъмин карда шавад.

Назарияи таҳқиқот бар асоси маълумоти илмии эътирофшуда ва санҷидашудаи муаллифони ватанию хориҷӣ бунёд ёфта, бо натиҷаҳои қаблан нашршудаи таҳқиқоти илмӣ дар самти мавзуи диссертатсия мувофиқат ва пайдарҳамии мантиқӣ дорад. Ин ҳолат дурустии самти интихобшудаи тадқиқот, инчунин эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаҳои илмии пешниҳодшударо пурра тасдиқ менамояд.

Ғоя ба таҳлили натиҷаҳое асос ёфтааст, ки дар ҷараёни гузаронидани ташхисҳои бодигармии туберкулинӣ ба даст оварда шудаанд. Дар раванди тадқиқот маҷмӯи васеи маълумот оид ба сатҳи аксуламалҳои носаҳеҳ, хусусиятҳои фаслӣ, омилҳои хавф, инчунин самаранокии усулҳои мавҷудаи ташхис ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шуд.

Ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада бо маълумоти таҳқиқотии муаллифони маъруфи дохилӣ ва хориҷӣ муқоиса гардида, монандиҳо ва

фарқиятҳои илмӣ муайян карда шуданд. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ тавсияҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмили назорати эпизоотологӣ, баланд бардоштани дақиқияти ташхиси саривақтӣ ва пешгирии паҳншавии бемории сил таҳия ва пешниҳод гардиданд.

истифода шудаанд: дар ҷараёни таҳқиқот манбаъҳои адабии дастрас, ки аз ҷониби муаллифони ватанию хориҷӣ вобаста ба мавзуи рисола пешниҳод гардидаанд, истифода шуданд. Сарчашмаҳои илмӣ маълумоти муҳими назариявӣ ва амалӣ оид ба хусусиятҳои эпизоотологии бемории сил, роҳҳои паҳншавии он, усулҳои маъмул ва муосири ташхис ва чораҳои назорати бемориро дар шароити хоҷагидории инфиродӣ дар бар мегиранд.

Таҳлили муқоисавии ин манбаъҳо имкон фароҳам овард, ки самтҳои афзалиятноки таҳқиқот муайян карда шуда, натиҷаҳои бадастомада дар заминаи донишҳои муосири илмӣ арзёбӣ ва асоснок гарданд.

муайян шудаанд: дар хоҷагиҳои нисбат ба бемории сили чорвои калони шохдор мусоид барои ташхиси ибтидоии он истифодаи ППД-туберкулин барои ширхӯрон бо вояи 5 000 ВБ / 0,2 мл мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамзамон, барои гузаронидани ташхиси дақиқи тафриқавӣ ва баҳисобгирии саҳеҳи аксуламалҳои бодигармӣ дар чунин хоҷагиҳо истифодаи санҷиши фаврии симултании туберкулинӣ бо ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ (КАМ) мувофиқи мақсад мебошад.

истифода шудаанд: дар ҷараёни таҳқиқот чорвои калони шохдор аз бахши хусусӣ ҳамчун объекти тадқиқот истифода шуд. Натиҷаҳои санҷишҳои бодигармии туберкулинӣ имконият фароҳам оварданд, ки дар хоҷагиҳои ба бемории сил мусоид ҳайвоноти ба ин беморӣ мутаасиргашта саривақт муайян карда шаванд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:

Муаллиф мустақилона маводи илмиро ҷамъоварӣ намуда, таҳлили адабиёти марбут ба мавзуи рисола, муайянсозии ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот, инчунин таҳияи дастурамали методӣ барои ташхис ва мубориза бо бемориҳои сироятии чорвои кишоварзиро ба сомон расонидааст.

Тадқиқоти озмоишгоҳӣ, аз ҷумла тадқиқоти молекулвию генетикӣ бо истифода аз намунаҳои амрозии чорво гузаронида шудаанд. Муаллиф дар таҳияи нақшаи озмоишҳо, таҳлили натиҷаҳо, таҳияи маводи чопӣ, тартиб додани рисола ва автореферат фаъолона иштирок намуда, хулосаҳои амалиро асоснок ва пешниҳод кардааст.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-039 рӯзи 29 декабри соли 2025 қарор қабул гардид, ки ба Рабиев Ҳабибулло Маҳмиадулоевич дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 9 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ ширкат доштанд, аз он 3 нафар доктори илм бо ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо

захрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ мебошанд. Овоз доданд: тарафдор “9”- нафар, муқобил - нест, бетараф “нест”, варақаҳои беэътибор карда шуда - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ветеринарӣ **Амрбеков Мулоҷон**

Котиби шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ветеринарӣ **Хасанов Фируз**

29 декабри соли 2025